**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исмоилова Мадина Исмоиловна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Мавзӯи рисола, нақша, маводҳои илмию амалии дар рисола истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи тадқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзӯи интихобнамудаи муаллиф бе ягон шубҳа дар замони муосир арзишманд буда, тақозои таҳлили ҳамаҷонибаро дорад. Муаллиф ба умқи масъала аҳамият дода, он ҳолатҳои қонуншикание, ки дар интернет ва берун аз он доир ба ҳуқуқҳои вобаста марбутанд мавриди таҳлил қарор додааст. Чуноне муаллиф зикр мекунад “баъзе ҳуқуқҳои вобастаи мавҷудбуда, дар қонунгузории амалкунанда такрор шудаанд ва муқаррароти ба онҳо бахшидашуда баъзан мухолифанд, ки дар натиҷа номуайянӣ дар назария ва мушкилот дар амалияи ҳифзи ҳуқуқро ба вуҷуд меорад. Дар байни муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ва илми сивилистика роҷеъ ба мафҳум ва моҳияти ҳуқуқҳои вобаста андешаи ягона вуҷуд надорад. Ҳатто ибораи “ҳуқуқҳои вобаста” дар қонунгузорӣ бо таври комил тарҷума

нашудааст (он аз забони русӣ (смежные права) ҳамчун “ҳуқуқҳои вобаста ба он” тарҷума шудааст, ки фаҳмиши масъаларо коҳиш медиҳад”.

Умуман он масъалаҳое, ки муаллиф дар рисола матраҳ намудааст, ҷолиби диққат буда, аз мубрам будани мавзӯъ далолат менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Рисола кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории гражданию соҳибкорӣ заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимояи ошкор пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад. Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шудаанд. Роҳи ҳалли масъалаҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия асоснок ва сазовор ба баҳои мусбӣ мебошанд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллиф – ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии субъектонеро меноманд, ки онҳо дар заминаи объектҳои ҳуқуқи муаллиф ё бидуни он ба вуҷуд овардаанд, ки тибқи қонунгузорӣ муқаррар ва ҳифз карда мешаванд. Дар рисола асоснок карда шудааст, ки дар Тоҷикистон консепсияи «моликияти зеҳнӣ» ва консепсияи «ҳуқуқҳои истисноӣ» дар якҷоягӣ ва шабоҳатӣ амал менамоянд. Пешниҳод мегардад, ки ин консепсияҳои ҳуқуқӣ бояд вобаста

ба мазмун ва доираи ҳуқуқҳои фарогирандаашон дар адабиётҳо ва қонунгузорӣ истифода карда шавад. Ҳуқуқҳои истисноӣ бояд танҳо фарогири ҳуқуқҳои молумулкии марбут ба моликияти зеҳнӣ бошад ва бояд ҳамин тавр истифода гардад. Моликияти зеҳнӣ ба таври васеъ, фарогири ҳам ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳам ҳуқуқҳои ғайримолумулкии марбут ба объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бояд бошад.

2. Муайян гардидааст, ки аксари ҳуқуқҳои вобаста ба истифодаи технологияҳо алоқамандӣ доранд. Яъне ҳангоми пайдоиши технологияҳои нав, объектҳои нав офарида мешаванд ва табиист, ки бояд нисбати онҳо ҳуқуқҳои соҳибони онҳо муқаррар карда шавад. Аз ҳамин лиҳоз дар қонунгузорӣ гурӯҳи ҳуқуқҳои нави вобаста муқаррар кардан зарур мешаванд. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се гурӯҳи ҳуқуқҳои вобаста (ҳуқуқҳои иҷрогарон, сабтгарони фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ) муқаррар шудааст. Аммо дар баъзе давлатҳо, ин ҳуқуқҳо ба панҷ-шаш гурӯҳ рафта расидаанд. Ҳамзамон оянда дар алоқамандӣ ба рушди технология ҳуқуқҳои нав пайдо шуданаш имконпазир аст.

3. Дар рисола асоснок карда шудааст, ки ҳуқуқҳои иҷрогарон ба ҳуқуқҳои муаллифон наметавонад дохил карда шавад ва онҳо бояд ҳамчун ҳуқуқи вобаста боқӣ монанд. Зеро, объектҳои ҳуқуқи иҷрогарон на ҳамеша хусусияти аслӣ ва эҷодӣ дорад. Баръакс объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ хосияти эҷодию аслиро доранд. Баъдан объектҳои ҳуқуқи иҷрогарон аз объектҳои муаллифон маншаъ мегирад. Барои ҳамин ҳам он объектҳоро объекти ҳуқуқи муаллифӣ эътироф кардан баҳснок аст.

4. Доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста тарзу усулҳои хос ба объектҳои нави пайдомешуда зарур мебошад. Барои мисол, дар шароити кунунӣ аксари объектҳои ҳуқуқҳои вобаста дар интернет ҷойгир шудаанд. Аз ҳамин ҷиҳат дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқи соҳибони ҳуқуқҳои вобаста, тарзҳои нави ҳифзи ҳуқуқро (бастани саҳифаи сомонае, ки дар он

ҳуқуқвайронкунӣ мавҷуд аст (блокировка), хориҷ кардани маводи ғайриқонунӣ аз сомона) коркард ва истифода бурдан зарур аст.

5. Асоснок карда шудааст, ки миёнаравони иттилоотӣ дар ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқҳои муллиф нақши калон доранд. Зеро, маҳз аз вазъи ҳуқуқии онҳо вобаста аст, ки объектҳои ҳуқуқи вобастаро бо таври дахлдор ҳифз карда онҳоро, тибқи асосҳои қонунӣ манзури доираи шахсони номуайян гардонанд.

**Пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ:**

1. Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон речаи ҳуқуқии се гурӯҳи ҳуқуқҳои вобаста (ҳуқуқҳои иҷрогарон, сабтгарони фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ) муқаррар шудааст. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳуқуқиноширони асарҳои илм, адабиёт ва санъат ва ҳуқуқи таҳиягарони манбаи маълумот ҳамчун ҳуқуқҳои вобаста дар алоҳидагӣ эътироф ва ҳифз карда мешавад. Чунин объектҳо дар Тоҷикистон ҳам хеле зиёд истифода мешавад, аз ҳамин хотир дар КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ин ҳуқуқҳоро ворид намудан зарур аст. Аз ҷумла пешниҳод менамоем, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» моддаи зерин илова карда шавад:

**Моддаи $37^1$. Ҳуқуқи истисноии истеҳсолкунандаи манбаи маълумот**

1. Истеҳсолкунандаи манбаи маълумот, ки истеҳсоли он (аз ҷумла, коркард ё пешниҳоди маводи дахлдор) хароҷоти зиёди молиявӣ, моддӣ, ташкилӣ ё дигар хароҷотро талаб мекунад, ҳуқуқи истисноии аз манбаи маълумот гирифтан ва истифодаи минбаъдаи онҳоро дар ҳама гуна шакл ва ҳар гуна роҳ (ҳуқуқи истисноии истеҳсолкунандаи манбаи маълумот) дорад. Истеҳсолкунандаи манбаи маълумот метавонад ҳуқуқи истисноии зикршударо ихтиёрдорӣ кунад. Дар сурати набудани далели дигар, манбаи маълумот, ки таъсиси он хароҷоти калонро талаб мекунад, ҳамчун

манбаи маълумот, ки дорои на камтар аз даҳ ҳазор унсури (маводҳои) иттилоотии мустақил мебошад, ки мазмуни манбаи маълумотро ташкил медиҳанд, эътироф карда мешавад.

2. Ҳеҷ кас ҳуқуқи гирифтани маводҳо аз манбаи маълумот ва минбаъд истифодаи онҳоро бидуни иҷозати дорандаи ҳуқуқ надорад, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонун. Ҳамзамон гирифтани маводҳо маънои интиқоли тамоми мундариҷаи манбаи маълумот ё як қисми муҳими маводи таркибии онро бо истифода аз ҳама гуна воситаҳои техникӣ ва дар ҳама гуна шакл ба интиқолдиҳандаи дигари иттилоот, дорад.»

2. Ғайр аз пахши эфир ва кабелӣ, инчунин дар Тоҷикистон пахши барномаҳои телевизион тавассути IP (айпи) рушд карда истодааст. Айни ҳол зиёда аз 10 ташкилоти телевизионии IP дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Аз ҳамин хотир ҳуқуқҳои вобаста ба ташкилоти пахши эфирӣ, кабелӣ ва дигар навъи пахшҳои технологиро дар м. 36 қонуни муаллифӣ муттаҳид карда, барои ҳамаи онҳо ҳуқуқҳои якхела муқаррар кардан зарур аст.

3. Агар ба мазмуни бандҳои 7 ва 8 м. 34 қонуни муаллифӣ назар намоем он як маъноро ифода мекунанд: Ба назари мо дар ин бандҳо сухан дар бораи дар интернет ва дигар шабакаҳо гузоштани сабти иҷро меравад, ки пеш аз ҷойгир кардани он сабт, аз иҷрогар розигиашро гирифтан зарур аст. Аз ҳамин хотир пешниҳод менамоем, ки банди 7 м. 34 қонуни мазкур хориҷ шавад, чунки мазмуни он такроран ва саҳеҳтар дар банди 8 ҳамин модда оварда шудааст.

4. Чуноне ки таҳқиқот нишон дод, дар м. 31 қонуни муаллифӣ 4 номгӯйи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ пешбинӣ гардидааст: 1) намоишҳо; 2) иҷроҳо; 3) фонограммаҳо; 4) барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ. Реҷаи ҳуқуқии иҷро, фонограмма ва барномаҳои телевизион ва радио дар ҳамин қонун мушаххас шудаанд. Намоиш ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқҳои вобаста пешбинӣ

гардидааст, аммо доир ба речаи ҳуқуқии он минбаъд дар матни қонун меъёрҳои зарурӣ муқаррар нагардидааст. Аз ҳамин лиҳоз, зарур мешуморем, ки калимаи «намоиш» аз матни м. 31 Қонуни муаллифӣ хориҷ карда шавад.

Нуктаҳои илмии манзуршаванда ва таклифҳо барои такмили қонунгузорӣ ба назари мо ҷолиби диққат буда, заминаи муҳими илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додаast. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут ба ҳуқуқҳои вобаста бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории гражданӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои

аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи ҳуқуқи граждани, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола дар он мебошад, ки он ба беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии молумулкии соҳибони ҳуқуқҳои вобаста равона шуда, мавқеи онҳоро дар ҷомеа аз лиҳози иҷтимоӣ мустаҳкам менамояд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муаллиф 21 мавод нашр кардааст, ки 12-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ нашр гардидаанд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

Мадина Исмоилова ҳамчун аспиранти Шуъбаи ҳуқуқи хусусии Интситути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академии миллии илмҳои Тоҷикистон рисолаашро дар шуъбаи мазкур таҳия намудааст. Рисола соли 2022 ба анҷом расида, барои муҳокима ба Шуъба манзур гардид. Рисола дар Шуъбаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар асоси эроду пешниҳодҳои олимони соҳавӣ дар Шӯъба, муаллиф рисоларо такмил дода, онро дар шакли такмилёфта манзур намудааст.

**Ба талаботи КОА мутобиқ будани диссертатсия.** Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯихати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

**Дар боби якум** мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои ҳуқуқии танзимнамоии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон муаллиф аз усули таҳқиқотии муқоисавӣ истифода карда, ҳуқуқҳои вобастаро бо дигар ҳуқуқҳои дар низоми ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мавҷудбуда муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онро муайян кардааст.

**Дар боби дуюм** тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷро ва басаҳнагузорӣ ҳамчун объектҳои ҳуқуқҳои вобаста, фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста, пахши эфирӣ ва кабелӣ ҳамчун объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф реҷаи ҳуқуқии ҳуқуқи вобастаро дар ин ҷо муфассал баррасӣ кардааст.

**Дар боби сеюм** ду масъалаи муҳим: амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста ва тарзҳои ҳуқуқӣ-граждании ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин боб муаллиф тарзҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқҳои вобастаро тибқи қонунгузории Тоҷикистон баррасӣ намуда, пешниҳодҳои муфид ирсол кардааст.

Дар натиҷаи тадқиқот муаллиф **хулосаи** рисоларо таҳия кардааст, ки дар он натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Исмоилова Мадина Исмоиловна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 –

ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Профессори кафедраи ҳуқуқи факултети
ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ У. А. Меликов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5
Тел.: 100400879

«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБССТ Ш. Н. Ҷураев
12.09.2025